«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
__________________
______________ соли 2026

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Диссертатсияи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** соли 2016 зинаи бакалавр, соли 2018 зинаи магистратураи факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналист хатм карда, аз соли 2018 то соли 2021 ба ҳайси докторанти PhD-и кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Солҳои 2021-2024 ба сифати муҳаррири маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Идоракунии давлатӣ" фаъолият карда, аз моҳи майи соли 2024 вазифаи сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро менамояд.

Роҳбари илмии Давлатализода Хуршед Давлаталӣ номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гулов Сангин Нурович мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2018, қарори №3 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Давлатализода Хуршед Давлаталӣ 13 январи соли 2026, таҳти №3 дар бораи супоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ маълумотномаи академӣ (транскрипт) додааст.

Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссертатсия ба омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум бахшида шудааст. Маълум аст, ки аввалин вазифаи

воситаҳои ахбори омма ин додани иттилоъ дар бораи руйдодҳои муҳимми ҷамъиятӣ мебошад. Дар баробари пешниҳоди иттилоъ, расонаҳо дар ташаккули афкори омма доир ба масъалаҳои муҳимми ҷомеа нақш дошта, дар шаклгирии он таъсир мерасонанд. Бояд гуфт, ки воситаҳои ахбори омма ҳамчунин барои идораи афкори омма вазифаҳои муайянеро иҷро менамоянд. Аз ин ру омузиши ин паҳлуи фаъолияти воситаҳои ахбори омма аз лиҳози илмӣ аҳаммиятнок буда, мушаххас нишон додани усулу василаҳои фаъолият ва таъсири онҳо барои ташаккул ва идораи афкори омма муҳим аст.

Дар шароити таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ вазифаҳои ахбори омма низ тағйиру таҳаввулот дида, пешрафт кардаанд. Ин таҳаввулот пеш аз ҳама ба рушди интернет, технологияҳои иттилоотӣ ва пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста буда, ҷаҳонишавии фазои иттилоотиро таъмин намуд. Тарзи пешниҳод, қабул ва дарки иттилоот низ дигар шуд. Дар робита ба ин таҳаввулот нақши расонаҳо ҳамчун василаи ташаккули афкори ҷомеа афзуда, онҳо дар баробари пахшу тафсири воқеаву руйдодҳо ба тафаккури аудитория таъсир мерасонанд.

**Мавзуи диссертатсия** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рузноманигорӣ нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Мухтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техники дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, маводди диссертатсия бо барнома ва мавзуъҳои ба таҳқиқоти илмӣ алоқаманд пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастомада дар таҳия ва такмили воситаву барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд.

Пажуҳиши нақши расонаҳо ва таъсири муборизаҳои иттилоотӣ дар ташаккулу идораи афкори умум, таъсири расонаҳои алоҳидаи давлатӣ (дар мисоли нашрияи«Ҷумҳурият» ва телевизиони «Тоҷикистон») барои ба вуҷуд овардани афкори созанда, махсусияти барномаҳои афкорсоз дар фазои илмии журналистикаи тоҷик мавзуи комилан нав мебошад.

Муаллифи диссертатсия таҳлили нақши воситаҳои ахбори омма дар раванди ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасии нақши расонаҳо дар ташаккули ақидаҳои сиёсӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва муносибатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, омузиши дараҷаи эътимоди аҳолӣ ба манбаъҳои гуногуни иттилоот, таъсири расонаҳои рақамӣ ва анъанавӣ ба дарки

чамъиятии руйдодҳои муҳим, инчунин, нақши расонаҳои давлатӣ ва мустақил дар паҳн кардани иттилооти объективиро **мақсади таҳқиқ** арзёбӣ намудааст.

Бо дарназардошти моҳият ва ҷанбаъҳои назариву амалии масъалаи мавриди таҳқиқ, барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ **вазифаҳои** зеринро гузоштааст:

- таҳқиқи равишҳои асосии назариявӣ оид ба омузиши таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ;
- баррасии технологияҳои муосири ВАО ва таъсири онҳо ба дарки иттилоот аз ҷониби шунавандагон;
- тавсифи сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти расонаҳои анъанавӣ ва рақамӣ дар кишвар;
- муайян намудани таъсири ВАО-и давлатӣ ва мустақил ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ;
- таҳлили таҷрибавии таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон;
- гузаронидани пурсиши сотсиологӣ ё таҳлили мундариҷаи нашрияҳо;
- арзёбии дараҷаи эътимоди аҳолӣ ба намудҳои гуногуни ВАО (давлатӣ, мустақил, иҷтимоӣ);
- муқоисаи сатҳи эътимоди аҳолӣ ба ВАО ва платформаҳои интернетӣ;
- муайян кардани омилҳои дарки иттилоот аз ҷониби аҳолӣ;
- таҳлили василаҳои идоракунии афкори ҷамъиятӣ тавассути ВАО.

Муаллифи диссертатсия аз таҷрибаи рисоланависони дигар, ки матолиби воситаҳои ахбори оммаро пажуҳиш кардаанд, истифода намуда, ҳамчунин барномаву гуфторҳои телевизиону радио, маводи рузномаву маҷалла ва шабакаҳои иҷтимоиву интернетиро ба ҳайси **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** ба кор бурдааст. Таваҷҷуҳи хоса ба барномаҳои телевизиони «Тоҷикистон», матлабҳои рузномаи «Ҷумҳурият» карда шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назариявии И. Усмонов, С. Ятимов, М. Имомов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Муродӣ, Ҷ. Муқим, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллоев, А. Азимов, Р. Бобоҷонова, Н. Солеҳов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, Б. Ҳошимзода, С. Хоҷазода, Н. Бозорзода, С. Гулов, М. Сафарзода, З. Эшматов К. Искандаров ва дигарон ташкил медиҳанд.

Диссертатсия дар асоси методҳои таҳлилӣ, анъанавӣ, муқоисавӣ, контентӣ (муҳтавоӣ), таърихӣ ва таҳлили оморӣ таълиф гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки усулҳои таъсиррасонии иттилоотӣ тавассути ВАО ба ҳаёти ҷамъиятӣ, нақши ВАО дар ташаккули афкори омма, бахусус афкори созанда, масъулияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва

ниҳодҳои танзимкунандаи сиёсати давлатӣ дар бахши сиёсати иттилоотӣ бори аввал дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор мегирад. Дар пажуҳиш бо истифода аз усули назарпурсӣ андешаҳои мутахассисони соҳаҳои рузноманигорӣ, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ омухта шуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои асоснок ва тавсияҳои илмӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки он барои такмили сиёсати иттилоотии давлатӣ, боло бурдани саводнокии расонаӣ, таҳияи стратегияҳо оид ба таъмини мустақилият ва объективияти ВАО, омодасозии касбии рузноманигорон, ташкили василаҳои самараноки танзими фаъолияти ВАО ва боло бурдани сатҳи эътимоди ҷомеа истифода шаванд. Таҳқиқи нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон вазифаи муҳимми илмӣ буда, ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Бо дарназардошти низоми муҳити ВАО ва таъсири он ба равандҳои ҷамъиятӣ, омузиши ин мавзуъ ба фаҳмиши амиқи василаҳои шуури ҷамъиятӣ ва тағйирёбии онҳо дар шароити асри рақами мусоидат мекунад.

Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқ барои рушди илми журналистика дар Тоҷикистон низ аз аҳаммият холӣ нест. Натиҷаҳои таҳқиқро олимон, муҳаққиқони ҷавон, донишҷуёни факултети журналистика ва ихтисосҳои ҷомеашиносӣ метавонанд васеъ истифода намоянд. Ин диссертатсия паҳлуҳои таҳқиқногардидаи журналистикаро муайян намуда, дар заминаи он монография ва дастурҳои таълимӣ метавонанд ба табъ расанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва руйхати адабиёт иборат аст.

Доир ба мавзуи диссертатсия 16 **мақола**, аз ҷумла 9 **мақола** дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 **мақола** дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ ба нашр расидааст.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферaтро инъикос менамоянд. Руйхати мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

**Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Мавлонов, Х. Д. Нақши расонаҳо дар шаклгирии афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 305-310.

[2-М]. Мавлонов, Х. Д. Таъсири ҷангҳои иттилоотӣ ба афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи омузгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. – С. 275-279.

[3-М]. Мавлонов, Х. Д. Инъикоси низоъҳои сиёсӣ дар матбуоти ибтидои солҳои 90-уми ХХ [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – №4/2. – С. 280-288.

[4-М]. Мавлонов, Х. Д. Нақши матбуоти ибтидои солҳои 90-ум дар ҳаёти ҷомеа [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 227-233.

[5-М]. Мавлонов, Х. Д. Эътимод ба ВАО – заминаи пайдоиши афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №7. – С. 386-390.

[6-М]. Мавлонов, Х. Д. Афкори умум ва ташаккули он ба воситаи телевизион [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи омузгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе. 2021, – № 5. – С. 215-219.

[7-М]. Гулов, С. Н., Мавлонов, Х. Д. Матбуот аз василаҳои аввалин дар шаклдиҳии афкори умум [Матн] / С. Н. Гулов, Х. Д. Мавлонов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2021. – №1. – С. 114-120.

[8-М]. Мавлонов, Х. Д. Телевизион – унсури таъсиррасон ба афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 83-88.

[9-М]. Давлатализода, Х. Д. Нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ: таҳлили назариявӣ ва арзёбии таҷрибаи Тоҷикистон [Матн] / Х. Д. Давлатализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Кулоб, 2025. – №4 (41). – С. 359-367.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

[10-М]. Мавлонов, Х. Д. Телевизион – унсури таъсиррасон ба афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ». – Душанбе, 2020. – С. 156-160.

[11-М]. Мавлонов, Х. Д. Иттилоот воситаи муассири идоракунии афкори ҷомеа [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он». – Душанбе, 2021. – С. 72-78.

[12-М]. Мавлонов, Х. Д. Афкори умум ва ташаккули он ба воситаи телевизион [Матн] / Х.Д. Мавлонов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии

илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши илмҳои гуманитарӣ дар рушди илм ва маорифи кишвар». – Душанбе, 2021. – С. 219-226.

[13-М]. Мавлонов, Х. Д. Нақши барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» дар мубориза̣ҳои иттилоотӣ [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад (Эҳдо ба 25-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ). – Душанбе, 2022. – С. 289-293.

[14-М]. Мавлонов, Х.Д. Ифротгароии иттилоотӣ ва хатари он ба амнияти миллӣ [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Кӯлоб, 2023. – С. 54-57.

[15-М]. Мавлонов, Х. Д. Таъсири иттилоот ба арзишҳои маънавии ҷомеа дар замони муосир [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Самтҳо ва тамоюлҳои стратегии рушди журналистика, филология ва лингводидактика» (Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики). – Душанбе, 2023. – С. 163-170.

[16-М]. Мавлонов, Х. Д. Таъсири ВАО дар шаклгирии афкори умум: андеша ва воқеият [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Воситаҳои ахбори омма ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ». – Душанбе, 2025. – С. 167-174.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсиониро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари муаллиф нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда тасаввурот ва донишҳои назариро дар дарку фаҳмиши усулҳои нави журналистика ва фаъолияти воситаҳои ахбори умум афзуда, метавонад, самтҳои нави таҳқиқро дар шинохти ин соҳа ба вуҷуд оварад. Уфуқҳои таҳқиқ дар фаъолияти расонаҳо мушаххас гардида, ҷанбаҳои муҳимми он дар робита ба дигар илмҳои ҷомеашиносӣ муайян мегардад. Таҳқиқи мазкур муносибат ва мавқеи муҳаққиқро ба масъалаҳои фарогири журналистикаи муосир мушаххас намуда, як паҳлуи муҳимми илми рӯзноманигориро собит менамояд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи **Давлатализода Хуршед Давлаталӣ** дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 9 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 7 аз 22.01.2026.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Садуллоев Ҷ. М.

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Ҳайдаров С. Б.

Имзоҳои Садуллоев Ҷ. М. ва Ҳайдаров С. Б.-ро тасдиқ менамоям, сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj